**Ҳисоботи фишурда**
**дар бораи фаъолияти Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти зертобеи он дар соли 2022**

Таҳлили фаъолияти Кумита дар соли 2022 нишон медиҳад, ки мақомоти соҳавӣ дар ҳалли мушкилоти ҷойдоштаи экологӣ, татбиқи барномаву нақшаҳои миллӣ, вусъат додани назорати давлатӣ, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст.

Дар ин давра бо пешниҳоди Кумита 2 қонун, 2 қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гашта, 3 лоиҳа дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 лоиҳа дар баррасии вазорату идораҳои дахлдор қарор доранд.

14 декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни иҷлосияи 77 қатънома дар бораи эълон гаштани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро бо пуштибонии 153 кишвари узви СММ қабул намуд. Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон гаштани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ва таъсиси Фонди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор чораҳои амалӣ андешида шуданд.

**Ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №133** «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти

ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023» бо фармоиши раиси Кумита аз 15.04.2022, №60 Ситоди Кумита таъсис ва Нақшаи чорабиниҳо тасдиқ гашт. Аз ҷумла, бо воситаи Агентии хариди давлатии мол ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳои ниёзи аввала харидорӣ ва дастрас карда шуд.

Барои таъмин намудани аҳолии эҳтиёҷманди ноҳияи Мурғоб, шуъбаи ҳифзи муҳити зист дар ноҳияи Мурғоб, шабакаҳо ва дидбонгоҳҳои ҳавосанҷию обченкунии баландкӯҳи Агентии обуҳавошиносии Кумита дар мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023 ба миқдорӣ 400 тонна ангиштсанг харидорӣ ва дастрас карда шуд.

Барои ҳифзу нигоҳдории намудҳои ҳайвоноти нодир дар сохторҳои низоми ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда 95,2 тонна маҳсулоти ғизоӣ захира гашта, 139 паноҳгоҳ, 252 адад намакдону донхурак, 127 адад охӯрчаҳои хурокдиҳӣ ва 367 адад лона барои парандагон омода ва 54,5 километр пайроҳаҳои экологӣ ба ҳолати муқаррарӣ баргардонида шудаанд. Ҳамзамон, барои фаъолияти мунтазами дидбонгоҳҳо дар фасли зимистон дар ҳаҷми 64,2м$^3$ ҳезум ва 6,3 тонна ангиштсанг захира карда шуд.

**Ҷиҳати таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2022, №240** «Дар бораи баланд бардоштани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандиҳои байналмилалӣ» барои ворид намудани мамнуъгоҳи давлатии «Бешаи палангон» ба номинатсияи объектҳои мадании ЮНЕСКО тибқи тартиби муқарраршуда ба Маркази мероси ҷаҳонии ин созмон шарҳу эзоҳ дар ду ҷилд бо ҳаҷми 400 саҳифа нашр намуда, бо замимаи 16 харита тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба ЮНЕСКО пешниҳод шуд. Тибқи хулосаи созмони мазкур номинатсияи мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» аз ҷиҳати техникӣ ба критерияҳои ЮНЕСКО пурра ҷавобгӯй мебошад. Инчунин, ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО ва дигар шарикони рушд ҷиҳати омода намудани номинатсияи Резервати биосферии “Ромит” барои ворид намудан ба рӯйхати ҷаҳонии резерватҳои биосферӣ идома дорад.

**Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Кумита ин пешбурди сиёсати ягонаи давлатии экологӣ ва татбиқи** стратегия ва барномаҳои давлатию соҳавӣ мебошад.

Дар доираи иҷрои «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» Гузориши чоруми миллӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи СММ оид ба тағйирёбии иқлим омода ва пешниҳод гашт.

Бо мақсади ҷалби бештари маблағҳои грантӣ аз ҳисоби фондҳои махсуси иқлимӣ ва созмонҳои байналхалқӣ барои амалӣ намудани «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» Кумита таҳияи Барномаи кишварии сармоягузории Фонди иқлими сабзро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намудааст. Дар Барномаи мазкур пешнависҳои лоиҳавӣ дар самтҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар, ки аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор ва бахши хусусӣ пешниҳод гардидаанд, ворид ва барои баррасии маблағгузорӣ пас аз мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Фонди иқлими сабз пешниҳод карда мешавад.

Кумита бо мақсади дар амал татбиқ намудани Нақшаи чорабиниҳои «Барномаи давлатии омӯзиш ва ҳифзи пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои

2010-2030» корҳои муайянеро амалӣ намуд. Аз ҷумла, ҷиҳати иҷрои банди 2.1 Барнома моҳҳои январ-март мутахассисони Агентии обуҳавошиносӣ дар минтақаҳои Майхура, Ҳушёрӣ ва Такоби ноҳияи Варзоб, ҳавзаи дарёи Саратоғи ноҳияи Айнӣ, ҳавзаи дарёи Камароби ноҳияи Рашт, ҳавзаи дарёи Ёхсуи ноҳияи Муъминобод, ҳавзаи дарёи Обихингоби ноҳияи Сангвор, ҳавзаи дарёи Ванҷоби ноҳияи Ванҷ ва Ғунди ВМКБ корҳои барфченкуниро бо усули пиёда ба анҷом расониданд. Инчунин, 6 апрели соли 2022 мушоҳидаҳои аэровизуалии захираҳои барф дар ҳавзаи дарёҳои Қизилсу, Ёхсу, Хингоб, Сурхоб, Камароб, Кофарниҳон (минтақаи Канаск), Панҷ (Ванҷ, Язғулом, Бартанг ва Ғунд) гузаронида шуд. Натиҷаи мушоҳидаҳо нишон доданд, ки сарҳади қабати барфпӯш 1900-2700 метр аз сатҳи баҳрро ташкил дода, захираи барф дар ҳавзаҳои дарёҳои болозикр то 95 % меъёри бисёрсоларо ташкил медиҳад, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 дар маҷмӯъ 9% зиёд мебошад. Аз натиҷаи мушоҳидаҳои аэровизуалӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи муфассал пешниҳод гашт. Таҳлили рафти татбиқи Барнома нишон медиҳад, ки аз чорабиниҳои то соли 2030 банақшагирифташуда дар маҷмӯъ 73,8 % иҷро шудааст.

Мониторинги иҷрои нақшаи чорабиниҳои «Барномаи давлатии маҷмӯии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» нишон дод, ки аз 65 банде, ки иҷрои онҳо то соли 2025 идома меёбад, дар соли ҳисоботӣ 57 банд пурра иҷро ва 8 банди боқимонда ба андозаи 50% иҷро шуд. Аз рӯи фоизнокӣ иҷрои

бандҳои барои соли 2022 пешбинишуда **94%-ро** ташкил медиҳад.

Бо мақсади иҷрои «Барномаи давлатии рушди минбаъдаи мамнуъгоҳи табиии давлатии «Дашти Ҷум» барои солҳои 2021-2025» ҳиссаи корҳои дар соли 2022 банақшагирифташуда **119%-ро** ташкил медиҳад.

**Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Кумита ин пешбурди назорати давлатӣ** ва таъмини иҷрои қонунгузории соҳаи ҳифзи муҳити зист ба шумор меравад.

Кумита бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» аз 16 марти соли 2022, №362 ҳама намуди санҷишҳоро дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ то 1 январи соли 2023 қатъ намуд. Тибқи Нақшаи гузаронидани санҷишҳо то давраи эълони моратория 216 санҷиш гузаронида шуд.

Бо мақсади таъмини қонунгузории соҳа дар ин давра 13 440 адад санҷишу амалиётҳои назоратӣ, аз ҷумла, дар субъектҳои ғайрисоҳибкорӣ ва ташкилоту муассисаҳои давлатӣ гузаронида шуда, барои вайрон намудани талаботи қонунгузорӣ аз ҷониби сохторҳои Кумита нисбати 13 013 нафар чораҳои зарурӣ андешида шуд.

Ҳамзамон, дар асоси 3 293 протоколи мақомоти Вазорати корҳои дохилӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ қарорҳои дахлдор қабул гардида, тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

Инчунин, бо мақсади таъмини фаъолияти назорати давлатӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда 265 ҳолатҳои қонунвайронкунӣ ошкор гардида, протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуд.

Амалӣ намудани корҳои кабудизоркунӣ ва ободонию тозакорӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Кумита ва мақомоти зертобеи он ба шумор меравад. Тибқи маълумотҳои расмӣ, дар мавсими ниҳолшинонӣ ва кабудизоркунии тирамоҳи соли 2021 ва баҳори соли 2022 дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз 1 430 063 бех навниҳолҳои дарахтони ҳамешасабзи ороишиву мевадиҳандаи банақшагирифташуда ба миқдори 1 582 466 бех шинонида шудааст, ки 111 % нақшаро ташкил медиҳад. Тибқи маълумотҳои пешниҳошуда, то моҳи сентябри соли 2022 ба миқдори 1 394 680 бех навниҳолҳои дар мавсим шинонидашуда дар ҳолати хуби сабзиш қарор доранд, ки 88 %-ро ташкил медиҳад.

Дар мавсими кабудизоркунӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси Кумита ва зерсохторҳои он дар маҳалҳо ва системаҳои ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ба миқдори 86 790 бех ниҳолҳои дарахтони ороишӣ, сояафкан ва мевадиҳанда, инчунин 33 985 бех гулу буттаҳои мавсимӣ ва 2 025 адад гули лола бо иштироки фаъоли кормандони соҳаи ҳифзи муҳити зист дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шинонида шуд.

Дар рӯзҳои таҷлили ҷашни байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Хоруғ бинои нави Мудирияти минтақавии «Парки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ» ифтитоҳ карда шуд. Инчунин, аз тарафи Кумита зиёда аз 600 бех ниҳолҳои дарахтони ҳамешасабз ба шаҳру навоҳии вилоят тақдим карда шуд, ки ин иқдом ба ҳавасмандкунии аҳолӣ барои ҳифзи табиат мусоидат намуд.

Кумита дар ҳамкорӣ бо Дафтари Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо 10 декабри соли 2022 аксияи ниҳолшиновиро дар партовгоҳи заҳрхимикати ноҳияи Вахш

баргузор намуд, ки дар он 1500 бех ниҳолҳои шулаш, аморфӣ, айлант ва акатсия, ки ба шароити иқлими маҳал тобовар мебошанд, харидорӣ ва шинонида шуданд.

Рӯзи 5 апрели соли 2022 бо иштироки Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сафари кориашон ба вилояти Хатлон бинои маъмурии бахши ҳифзи муҳити зист дар ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Бинои хоҷагии ёрирасони намунавии «Ҳифзи табиат», дар назди шуъбаи ҳифзи муҳити зист дар шаҳри Панҷакент ифтитоҳ гардид.

Дар доираи сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд бинои маъмурии бахши ҳифзи муҳити зист дар шаҳри Истаравшан 10 августи соли 2022 мавриди истифода қарор дода шуд.

Бинои маъмурии бахши ҳифзи муҳити зист дар ноҳияи Шаҳристон бошад, 9 сентябри соли 2022 дар доираи ҷашни 31-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шуд.

Кумита бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ ва тақвият бахшидан ба корҳои ободонию созандагӣ аксияҳои экологиро пайваста баргузор менамояд. Аз ҷумла, бо мақсади тозаю озода нигоҳ доштани манбаъҳои обӣ ва амалӣ гаштани Нақшаи чорабиниҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» фармоиши раиси Кумита аз 14 январи соли 2022, №1 «Дар бораи гузаронидани аксияи «Тозагии соҳил» ба тасвиб расид, ки тибқи он дар соли 2022 ин чорабинӣ 1 677 маротиба баргузор гашт. Инчунин, тибқи фармоиши раиси Кумита аз 14 январи соли 2022, №2 «Дар бораи гузаронидани аксияи «Тозагии маҳал» дар қаламрави

ҷумҳурӣ» 1 870 маротиба аксияи мазкур гузаронида шуд. Бо мақсади хуш пазируфтани меҳмонону сайёҳон бо икдоми Кумита дар қаламрави ҷумҳурӣ аксияи экологии «Тозагии шоҳроҳ» 453 маротиба баргузор гашт, ки дар он 44 162 нафар ширкат варзиданд.

Кумита дар соли 2022 ба раванди ҳамкориҳои байналмилалӣ таҳким бахшида, тибқи розигии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар мувофиқа бо сохторҳои дахлдор вохӯриҳои расмии роҳбарияти Кумита бо намояндагиҳои дипломатӣ ва ташкилотҳои байналмилалии муқими кишвар, гузаронида шуда, аз натиҷаи вохӯриҳо дар сомонаи Кумита ва дигар сомонаҳои иҷтимоӣ маълумот ҷойгир карда шуд.

Дар ҷаласаи Ассамблеяи Барномаи СММ оид ба ҳифзи муҳити зист ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии раиси Кумита иштирок намуда, аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳорот доир ба эълон намудани соли 2025 «Соли ҳифзи пиряххо» ва таъсиси Фонди байналмилалии ҳифзи пиряххо интишор гашт. Дар ҳошияи иҷлосияи мазкур, мулоқоту вохӯриҳои дуҷонибаи раиси Кумита бо Фонди иқлими сабз (GCF), Фонди глобалии экологӣ (GEF), Барномаи СММ оид ба муҳити зист (UNEP), Барномаи СММ оид ба макони зист (UN Habitat), Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат (IUCN), роҳбарони ҳайатҳои Швейтсария ва Финландия ва дигар иштирокчиёни конфронс баргузор гардид. Зимни вохӯриҳо ҷиҳати васеътар муаррифӣ намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ оид ба таъсиси намояндагиҳои минтақавии ташкилотҳои байналмилалӣ бо Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат (IUCN) ва Барномаи СММ оид ба макони зист (UN Habitat), ки дафтари ин ташкилотҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ

намояндагӣ надорад, барои таъсиси намояндагии он дар шаҳри Душанбе гуфтушунид гузаронида шуд.

Дар доираи Конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», роҳбарияти Кумита бо муовини директори генералии ЮНЕСКО оид ба илмҳои табиатшиносӣ, вазири захираҳои табиӣ ва экологияи Федератсияи Россия, Сафири минтақавӣ дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ, вазири ҳифзи муҳити зисти Қатар, директори глобалии об дар Бонки Ҷаҳонӣ, муовини вазири экология ва захираҳои табиии Ҷумҳурии Озарбойҷон, директори намояндагии Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ дар Тоҷикистон вохӯрӣ намуданд.

Ҳамзамон, дар доираи ин Конфронс ғурфаи (павилиони) Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва муаррифӣ гардид, ки аз он шумораи зиёди намояндагони кишварҳои хориҷӣ ва шарикони рушд дидан намуданд.

Бо иқдоми Кумита, дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷӣ намояндагони корпуси дипломатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба мамнуъгоҳи биосферии Ромит ташриф оварданд. Барои меҳмонони воломақом барномаи пурмазмун ва намоишгоҳ ташкил карда шуда, аз ошноӣ бо фаъолияти маъмурияти резерват, осорхона, имкониятҳои технологӣ ва расму оини миллӣ меҳмонон таассуроти нек бардоштанд. Инчунин, барои меҳмонон машғулиятҳои фароғатӣ ташкил карда шуда, маъракаи ниҳолшинонӣ баргузор гардид, ки дар он бо мақсади таҳкими муносибатҳои дӯстӣ ва рамзи сарсабзию шукуфоӣ 100 бех ниҳолҳои дарахтони ҳамешасабз шинонида шуда, дар ҳудуди мамнуъгоҳ нишони боғи нав ботантана ифтитоҳ гардид.

Дар Қароргоҳи СММ дар шаҳри Ню-Йорк бо ташаббуси раиси Иҷлосияи 76-уми Маҷмаи Умумии СММ мубоҳисаи сатҳи баланд зери унвони «Лаҳзаи табиат» вобаста ба масъалаи ҳифзи муҳити зист аз таҳдидҳо ва чолишҳои имрӯза доир гардид, ки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист дар чорабинии мазкур иштирок намуда, ба ҳайси панелист дар сегменти аввали чорабинӣ зери унвони «Коркарди вокунишҳои ҳамоҳангшудаи низоми муштарак дар мубориза бар зидди чолишҳои ҷаҳонӣ» оид ба се таҳдиди умдаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, аз даст додани гуногунии биологӣ ва ифлосшавии муҳити зист суханронӣ карда шуд. Зимни суханронӣ аз ташаббусҳои ҷаҳонии кишвар дар пешбурд ва ҳалли масъалаҳои обу иқлим дар сатҳи ҷаҳонӣ ёдовар шуда, аҳаммияти ташаббуси навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон намудани соли 2025, ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва таъсиси Бунёди байналмилалии пиряхҳо таъкид карда шуд.

Дар идораи ҶСК «Помир Энержи»-и шаҳри Хоруғ бо иштироки раиси Кумита маросими ботантанаи имзои ёддошти тафоҳум байни ҶСК «Помир Энержи» ва Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) оид ба бунёди иқтидори иловагии нерӯгоҳи офтобӣ дар ноҳияи Мурғоб баргузор гардид. Зимни вохӯрӣ оид ба ҳамкориҳои кунунӣ табодули афкор сурат гирифта, раиси Кумита оид ба тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии ноҳияи Мурғоб, амалигардони лоиҳаҳо дар самтҳои гуногун, аз ҷумла ҳифзи муҳити зист маълумот дод. Қайд карда шуд, ки бо мақсади муҳофизати намудҳои ҳайвоноти нодири ҳудуди вилоят, тадбирҳои доимӣ андешида шуда истодаанд.

Дар шаҳри Никосияи Ҷумҳурии Кипр Конфронси 9-уми вазирони муҳити зист таҳти шиори «Дигаргуншавии сайёра» баргузор гардида, дар доираи Конфронси мазкур як қатор чорабиниҳои иловагӣ оид ба муҳимтарин мавзуъҳо ва самтҳои рушди устувор, экология ва муҳити зист, аз ҷумла як қатор мулоқотҳои дуҷониба ва бисёрҷониба баргузор гардиданд. Ҳамзамон, бо иштироки раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист чорабинии иловагӣ таҳти унвони «Моҳияти таҳлили фаъолияти экологӣ барои ҳалли мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ» баргузор гардид.

Зимни вохӯрӣ масъалаҳо оид ба миссияи арзёбӣ бо мақсади ба Рӯйхати мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО пешниҳод намудани ҷангалҳои туғайи мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Аз 7 то 18 ноябри соли 2022 дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Мисри Араб Конфронси 27-уми тарафҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим бо иштироки сарони давлату ҳукуматҳои кишварҳои ҷаҳон ва 35 000 нафар коршиносон баргузор гардид. Ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистонро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарӣ намуданд. Рӯзи 7 ноябр бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Павилиони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифтитоҳ гардид. Президенти кишвар зимни суханронии хеш дар нишасти сатҳи баланди Конвенсияи мазкур масъалаи ҷалби таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба осебпазирии баланди ҷумҳурӣ ба паёмадҳои тағйирёбии иқлим ва ҷалби бештари сармоягузорӣ барои мутобиқ гардонидани соҳаҳои калидии иқтисодиёти кишвар ба тағйирёбии иқлим, инчунин эълон намудани соли

2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва таъсиси Фонди байналмилалии ҳифзи пиряххоро матраҳ намуданд.

Дар ҳошияи чорабинии мазкур аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Павилиони Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 20 чорабиниҳои канорӣ оид ба мавзуъҳои афзалиятноки миллӣ ва мавзуъҳои марбут ба конфронс дар ҳамкорӣ бо Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид, инчунин Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид, Агентии ИМА оид ба рушди байналмиллалӣ, Агентии Оғохон «Ҳабитат», Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмилалии Олмон, Созмони Байналмилалии Муҳоҷират, Вазорати муҳити зисти Ҷумҳурии Арманистон, Фонди байналмилалии наҷоти Арал, Гурӯҳи кишварҳои тараққикунандаи маҳсур дар хушкӣ, Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ ва Созмони умумиҷаҳонии метеорологӣ баргузор гардид. Инчунин, дар Павилиони Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит барои вохӯриҳои дутарафаи намояндагони Ҷумхурии Қазоқистон ва Туркманистон фароҳам оварда шуд.

Бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои дуҷониба дар арсаи байналмилалӣ бо иштироки бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 30 майи соли 2022 Ёддошти тафоҳум миёни Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳифозати муҳити зисти Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва санаи 2 июни соли 2022 Ёддошти тафоҳум миёни Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба экология ва ҳифзи

муҳити зист дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи муҳити зист ба имзо расонида шуданд, ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2022, №252 ва аз 31 майи соли 2022, №278 мутаносибан тасдиқ гардиданд.

Кумита таҳияи Барномаи кишварии сармоягузории Фонди иқлими сабзро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намудааст. Дар Барномаи мазкур пешнависҳои лоиҳавӣ дар самтҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар, ки аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор ва бахши хусусӣ пешниҳод гардидаанд, пас аз мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Фонди иқлими сабз пешниҳод карда мешавад.

Кумита бо мақсади беҳтар намудани ҳолати ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ва ҳифзи ҳайвонот тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст. Аз ҷумла, дар фасли зимистони соли 2022 чорабиниҳои биотехникӣ мунтазам гузаронида шуданд, ки дар натиҷа зиёда 125 тонна маҳсулот дар маконҳои сукунат ва ҷамъшавии ҳайвонотҳои ваҳшӣ ҷойгир карда шуд. Мониторинги биологӣ ва омӯзиши ҳолати табиии намудҳои нодири олами ҳайвонот дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда нишон дод, ки ҳолати зимистонгузаронии онҳо муътадил мебошад. Аз ҷониби Маркази миллии амалҳо оид ба ҳифзи муҳити зисти Кумита шиносномаҳо доир ба ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи табиӣ, аз ҷумла, мамнуъгоҳҳои давлатии «Бешаи палангон», «Дашти-Ҷум», «Зоркӯл», Боғи миллии «Ширкент», «Боғи миллии Тоҷикистон», Парки табиии «Сари Хосор», Резервати биосферии «Ромит» ва барои 14 парваришгоҳҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ таҳия гаштанд.

Инчунин, хатсайрҳои сайёҳӣ дар шакли электронии замимаи мобилии Резервати биосферии «Ромит», Боғи табиии «Ширкент» ва ноҳияи Мурғоб бо нишондоди иншооту

объектҳои сайёҳӣ омода карда шуданд, ки барои рушди сайёҳии экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ мусоидат менамояд. Атласи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Тоҷикистон ва албоми «Саёҳат ба ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Тоҷикистон» барои мактабачагон ва наврасон омода карда шудаанд, ки барои пешбурди корҳои нозирӣ ва муарифӣ намудани объектҳои саёҳӣ ба саёҳону меҳмонони хориҷӣ ва ташфиқу тарғиби ҳифзи ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи табиӣ мусоидат менамоянд.

Бо ташаббуси Кумита, аз ҷониби коршиносони Итиҳодияи байналмиллалӣ ҳифзи табиат (МСОП) ҷиҳати омӯзиши саршумори бузи кӯҳии пармашох (морхур) дар шаҳри Душанбе семинар ва тренингҳои саҳрої дар ноҳияҳои Ш. Шоҳини вилояти Хатлон ва Дарвози ВМБК барои мутахассисони Кумита ва Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо ходимони илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гузаронида шуд. Дар давраи ҳисоботӣ тибқи фармоиши раиси Кумита аз 10 феврали соли 2022, №23 «Дар бораи гузаронидани ҳисоботи нақшавии саршумори бузи кӯҳии пармашох (морхӯр) дар соли 2022» аз тарафи мутахассисони Кумита ва Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо ходимони илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва коршиносон аз Иттиҳодияи байналмилалии ҳифзи табиат (МСОП) дар қаторкӯҳҳои «Ҳазратишоҳ»-и ҳудуди ноҳияи Дарвози ВМКБ ва ноҳияҳои Ш. Шоҳин ва Данғараи вилояти Хатлон ҳисоботи саршумори бӯзи кӯҳии пармашох (морхӯр) гузаронида шуд.

Инчунин, дар асоси фармоиши раиси Кумита аз 12 апрели соли 2022, №50-«К» «Дар бораи гузаронидани ҳисоботи саршумори гӯсфанди кӯҳии бухорої (уриал) дар

ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Рудакӣ, Файзобод, Роғун, Панҷ, Дӯстӣ, Шаҳритус, Қабодиён, Хуросон, Носири Хусрав, Балҷувон ва Данғараи вилояти Хатлон» ҳисоботи саршумори гӯсфанди бухороӣ (уриал) гузаронида шуд.

Санаҳои 18 май ва 29 ноябри соли 2022 мизи мудаввар дар мавзуи «Нақши Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзу нигоҳдории гуногунии биологӣ ва захираҳои табиӣ» доир гашт, ки дар он масъалаҳои тартибу талаботҳо ва критерияҳои ворид намудани намудҳои нодири набототу ҳайвонот ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи талаботи Иттиҳодияи байналмилалии ҳифзи табиат (МСОП) муҳокима карда шуд.

Дар ин давра аз ҷониби ходимони илмии муассисаҳои давлатии «Лабораторияи илмӣ-тадқиқотии ҳифзи табиат» ва «Маркази илмию тадқиқотии ҳифзи захираҳои об» 17 мақолаҳои илмӣ таҳия гардида, ба маҷаллаҳои тақризшавандаи хориҷӣ ва дохилӣ барои нашр пешниҳод гардиданд. Аз ҷумла, ходимони илмӣ доир ба баҳогузории экологии ландшафтҳои табиии чарогоҳҳо, корҳои илмӣ-амалиро анҷом доданд, тадқиқотҳо маълум намуданд, ки ҳолати паст шудани ҳосилнокии чарогоҳҳои зимистона аз 35 % то 53 % мушоҳида мешавад, зеро нигоҳдории чорво дар чарогоҳҳои зимистона аз меъёри экологӣ аз 5 то 6 маротиба зиёд гардида, ҳолати нигоҳдории реҷаи чаронидани чорво дар аксар чарогоҳҳои зимистона риоя карда намешавад.

Ходимони илмии «Маркази илмию тадқиқотии ҳифзи захираҳои об» дар ин давра монографияи илмӣ дар мавзуи «Баҳодиҳии муҳандиси-геологӣ ва пешгӯии равандҳои хатарноки геологии минтақаи сарҳадгузари Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Афғонистон (Панҷи поён)» чоп карда шуданд. Инчунин, корҳои илмӣ – тадқиқотӣ дар мавзуи «Равандҳои гидрологӣ ва экзогенӣ – геологии ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ва хавфу хатарҳои таҳдидкунанда» иҷро карда

шуданд. Дар натиҷаи корҳои илмӣ харитаҳои гидрологӣ ва истифодабарии оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон бо истифода аз барномаи компютерии ГИС таҳия шуданд.

Аз ҷониби Агентии обуҳавошиносии Кумита ҳамарӯза воридшавии маълумотҳои стансияю дидбонгоҳҳои обуҳавосанҷии худкор аз Маркази ҷамъоварии маълумотҳо назорат карда мешавад. Дар Агентӣ айни ҳол 54 адад стансияҳои ҳавосанҷӣ ва 98 адад дидбонгоҳи обченкунӣ фаъол мебошанд. Дар соли ҳисоботӣ 365 пешгӯиҳои якшабонарӯзӣ тартиб дода шуд, ки дурустии онҳо 93%-ро ташкил медиҳанд.

Дар асоси мушоҳидаҳои обуҳавосанҷӣ дар соли ҳисоботӣ 800 офатҳои табиӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки нисбат ба соли 2021 91 ҳодиса зиёд мебошад. Дурустии пешгӯиҳои зуҳуроти хавфноки обуҳавосанҷӣ 74%-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021 4,7% зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ оид ба якбора баландшавии сатҳи оби дарёҳои ҷумҳурӣ ва эҳтимолияти бавуҷудоии обхезӣ 11 маротиба огоҳӣ дода шуд, ки дар 9 ҳолат якбора баландшавии оби дарёҳо ва бавуҷудоии обхезӣ ба қайд гирифта шуд. Натиҷаи пешгӯиҳо нишон медиҳад, ки дурустии онҳо ба 82% баробар буда, нисбат ба соли 2021 4% зиёд мебошад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Кумита ин гузаронидани корҳои таблиғотӣ ва ташвиқотӣ мебошад. Оид ба фаъолияти воҳидҳои сохтории Кумита тариқи шабакаҳои телевизионии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ 1 547 ва радио 1 071 маротиба гузоришу барномаҳо пахш шуданд. Дар рӯзномаҳо бошад, 818 шумор мақолаҳо чоп гардид. Дар соли ҳисоботӣ байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла ташкилоту корхонаҳо, табиатистифодабарандагон, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёна ва олӣ 357 маротиба семинару конфронсҳо ва 7 864 адад суҳбату вохӯриҳо гузаронида шуданд.

Тавассути сомонаи расмии Кумита дар ин давра 693 маводи иттилоотӣ бо забонҳои давлатию русию ва англисӣ, дар умум бо назардошти тарҷумаҳо 2 079 мавод оид ба вохӯриҳои роҳбарияти Кумита бо намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, чорабиниҳои мақомоти ҳифзи муҳити зист дар ҷойҳо, дигар чорабиниҳои марбут ба соҳа ҷойгир карда шуд. Ҳамзамон, аксарияти чорабиниҳои мазкур дар сомонаҳои иҷтимоии Facebook, YouTube ва Твиттер мунтазам ҷойгир карда шуданд. Дар ин давра 334 578 нафар ба саҳифаи Facebook-и Кумита таваҷҷуҳ зоҳир намуда, маълумоти заруриро дастрас намудаанд ва 3 811 нафар тугмаи писандидаро (лайк) пахш намуданд. Ҳамзамон, 15 621 нафар (воридшавандаи беназир) барои бохабар шудан аз чорабиниҳои экологӣ ба сомонаи иҷтимоии Facebook-и Кумита ворид шудаанд. Алоқамандони саҳифаи Facebook дар ин давра 67,9% мардон ва 32,1% занонро дарбар гирифт.

Кумита 5 июн Рӯзи байналмилалии муҳити зистро бо иштироки васеи табақаҳои аҳолӣ дар ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи баланд баргузор намуд. Аз ҷумла, 3 июн бахшида ба 50-солагии таъсисёбии Рӯзи байналмилалии муҳити зист дар якҷоягӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар «Боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ» чорабинии фарҳангии сатҳи баланд баргузор гашт. Дар чорабинии мазкур намоишгоҳ оид ба дастовардҳои муассисаҳои маориф, мақомоти марбутаи давлатӣ ва маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи корхонаҳои саноатӣ ташкил карда шуд. Инчунин, дар доираи чорабинӣ озмунҳои «Душанбе-шаҳри гулрез» ва «Оқибати зарари партовҳо, аз ҷумла партовҳои пластикӣ ба муҳити зист» ҷамъбаст гардида, ғолибон бо диплом, сипоснома, ифтихорнома ва мукофотҳои пулии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Кумитаи ҳифзи

муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ 8 шумораи нашрияи «Инсон ва табиат» ва 2 шумораи маҷаллаи «Ҳифзи табиат» чоп гашта, дастраси алоқамандон гардонида шуд. Тибқи шартномаи муштарак бо Телевизиони «Сафина» барномаи телевизионии «Ахбори экологӣ» оид ба мавзуъҳои ҳифзи муҳити зист моҳе ду маротиба сабт ва ба намоиш гузошта шуда истодааст.

Дар соли 2022 дар дастгоҳи марказии Кумита ва зерсохторҳои он 4 маротиба озмуни кушод барои ишғоли 127 мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии раёсатҳо ва шуъбаву бахшҳои дастгоҳи марказӣ гузаронида шуд, ки аз 112 нафар довталаб 96 нафар соҳиби мансаб гаштанд, аксарияти онҳо ҷавонон мебошанд. Аз ин шумора 17 нафарашон занон мебошанд, ки 8 нафари онҳо бори аввал ба мансабҳои хизмати давлатии маъмурӣ таъин гардиданд. Инчунин, дар ин давра дар Агентии обуҳавошиносии Кумита 2 маротиба озмуни кушод барои ишғоли 31 мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии дастгоҳи марказӣ гузаронида шуд, ки аз 32 нафар довталабон 27 нафар соҳиби мансаб гардидаанд ва аз онҳо 19 нафарашон занон мебошанд.

Дар ин давра 11 нафар хизматчиёни давлатии Кумита дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон курси такмили ихтисосро дар мавзуъҳои гуногун гузашта, савияи дониши худро бой гардониданд. Айни замон 2 нафар корманди Кумита дар курси дусолаи «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз истеҳсолот ҷудо нашуда, таҳсил намуда истодаанд, инчунин 2 нафар кормандони Кумита дар бахши «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи мазкур рӯзона таҳсил

менамоянд. Инчунин, 2 нафар кормандони Кумита дар донишгоҳҳои хориҷи кишвар таҳсил намуда истодаанд.

Тибқи нақша дар ин давра 38 маротиба семинарҳои омӯзишӣ оид ба 38 мавзуъҳои сиёсию иқтисодӣ, соҳавӣ ва тарбиявӣ аз тарафи масъулини Кумита ва дигар олимони соҳа дар дастгоҳи марказӣ гузаронида шуд. Дар сарраёсатҳои шаҳру вилоятҳо низ хонишҳои идоравӣ ташкил ва гузаронида шуданд. Ҳамзамон, ҷиҳати тарғиби мутолиаи китоб байни кормандони Кумита ва зерсохторҳои он тибқи фармоиши раиси Кумита аз 2 сентябри соли 2022, №201 озмуни «Китобхони беҳтарин» эълон карда шуд. Озмуни мазкур моҳи декабри соли 2022 ҷамъбаст гардида, беҳтаринҳо бо мукофотҳои пулӣ ва диплому ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

Кумита дар соли 2023 барои пурзӯр намудани назорати давлатии ҳифзи муҳити зист, татбиқи қонунгузории амалкунанда, иҷрои қарору супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сазовор истиқбол гирифтани Ҷашни 35-солагии Истиклолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода хоҳад бурд.

## Барои қайд